Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе,
кӯчаи Нахимова 64/14 Почтаи
электронӣ: https://tgfeu.tj )

**ТАҚРИЗИ**

**муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявию амалии баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ (дар асоси маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявию амалии баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ (дар асоси маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз): Қисми 1. Молия, бандҳои 1.2; 1.5; 3.5; Қисми 2. Муомилоти пулӣ, қарз ва фаъолияти бонкӣ: бандҳои 10; 10.5; 10.12; ва 10.18 мувофиқат мекунад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия**

Имрӯз яке аз масъалаҳои асосие, ки он дар низоми молиявию бонкии кишвар нақши калидӣ дорад, ин идоракунии корпоративӣ мебошад, ки яке аз механизмҳои асосии босамаргардонии фаъолияти молиявии ин низом мебошад. Вобаста ба тамоюлҳои солҳои охир муаллифи рисолаи илмӣ дуруст иброз намудааст, ки таҷрибаи солҳои охир нишон дод, ки идоракунии баландсифати корпоративӣ дар бозори озод ва рақобатпазир шарти зарурии фаъолияти муваффақонаи субъектҳои низоми бонкӣ маҳсуб меёбад ва маҳз ҳамин масъала яке аз қисматҳои асосӣ ва актуалии мавзуи баррасишаванда дар низоми бонкии имрӯза мебошад.

Боназардошти тағйирёбиҳои замони муосир муаллиф ба таври илман асоснок баён намудааст, ки ғайриқаноатбахш ва дар сатҳи паст қарор доштани идоракунии корпоративии бозори молиявии кишвар дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 низ қайд шудааст. Боназардошти ҳамин ӯ иброз намудааст баланд бардоштани сифати идоракунии корпоративии бонкҳои тиҷоратӣ, ҳамчун субъектҳои фаъоли бозори молиявии ҷумҳурӣ, барои рафъи мушкилоти ҷойдошта мусоидат менамояд. Ноил гардидан ба сатҳи баланди фарҳанги корпоративӣ риояи принсипҳо ва стандартҳои идоракунии корпоративӣ, мониторинги доимии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, ташаккули низоми самарабахши идоракунии хавфҳо ва таъмини воқеии чораҳои назоративу аудити дохилиро талаб менамояд.

Вобаста ба таҷриба ҳаминро қайд карда зарур аст, ки таҷрибаи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми идоракунии корпоративӣ аз тарафи як қатор бонку ташкилотҳои қарзӣ истифода бурда мешавад, дар ин самт як қатор норасоиву камбудиҳои сохторию татбиқнамоӣ низ ҷой доранд. Бо дарназардошти ҳолати ҷойдошта, баландбардории сифати идоракунии корпоративии бонкҳои тиҷоратӣ дар асоси таҷрибаи пешқадами бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкии дохилию хориҷӣ мубрам дониста мешавад. Нуқтаҳои дар боло қайдгардида зарурати воқеии таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию амалии баландбардории сифати идоракунии корпоративиро дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон исбот менамоянд ва ба ин масъалаҳо дар таҳқиқоти имлӣ муаллифи рисола ба натиҷаҳои назаррас низ ноил гардидааст (саҳ. 6).

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Бояд иброз намуд, ки дар баррасӣ ва таҳқиқи мавзуи илмии диссертатсия муваффақиятҳои илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)-ро ҳамчун натиҷа навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар бар мегиранд, ки натиҷаҳои ниҳоии онҳоро муаллиф ба таври фишурда дар муқаддимаи рисолаи илмӣ ба таври мукаммал инъикос намудааст (саҳ. 15-116). Вобаста ба ин заруриятҳо ва муҳимиятҳои ҷойдошта навгонии илмии таҳқиқот аз асосноккунии ҷанбаҳои илмию назариявӣ, коркарди муқаррароти методӣ ва тавсияҳои амалӣ барои баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст. Хусуиятҳо ва

пешниҳоду имкониятҳое, ки дар таҳқиқот аз тарафи муаллиф ба даст оварда шудаанд, дорои навгониҳои зерин мебошанд:

– аз тарафи муаллифи рисолаи илмӣ вобаста ба баррасии мавзу ва қисмати муқаддимавии он нуқтаи назари олимони дохилию хориҷиро ба таври фарогир истифода намуда дар баробари ҳамаи ин вобаста ба муайян намудани мавқеи худ тафсири муаллифиро вобаста ба идоракунии карпоративӣ пешниҳ намудааст. Ғайр аз ин як қатор мушаххаскуниҳои дигарро низ ба таври фарогир истифода намудааст. Ҳамзамон муаллиф пешниҳод намудааст, ки ҳамоҳангсозии манфиатҳои саҳмдорон, шурои нозирон, менеҷерон ва дигар шахсони манфиатдорро ҷиҳати беҳтарсозии фаъолияти бонк дар заминаи баланд бардоштани нақши саҳмдорон дар идоракунии стратегӣ ҳамчун муҳим ва зарурӣ пешниҳод гардидааст (саҳ. 14-46);

– дар навгонии дигари илмӣ муаллифи рисолаи илмӣ масоили мубрами такмилёбии принсипҳои идоракунии корпоративиро дар доираи амалкардҳои воқеии низоми бонкии кишвар муайян намуда як қатор хусусиятҳои хоси онро муайян ва пешниҳод намудааст. Ғайр аз ин ба ошкор намудани зарурриятҳои ҷойдошта муаллиф ҷанбаҳои методӣ ва заминаҳои такмили низоми идоракунии корпоративии бонкҳои тиҷоратиро муайян намуда воқеияти амалии онро бо муқаррароти санадҳои меъёрию ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон доир ба идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои амалкунанда махсусан ҶСК «Бонки Эсхата» муайян намудааст (саҳ. 30-59);

– дар навгонии дигар муаллифи рисолаи илмӣ ба масъалаҳои муҳимтарини сифати идоракунӣ ва таъсири мутақобилаи он тавассути як қатор нишондиҳандаҳо дар бонкҳои тиҷоратӣ таҳқиқ гардида, ҳамзамон сатҳи мувофиқати манфиатҳои иқтисодӣ, вазъи молиявии бонк ва дараҷаи самаранокии истифодаи захираҳоро дар доираи имонкиятҳои мавҷуда муайян ва пешниҳод намудааст. Ҳамзамон бо ин бояд гуфт, ки ба таври иловагӣ муаллифи рисола масоили баланд бардоштани сифати идоракунии корпоративии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда омилҳои объективию субъективӣ вобаста таъсири омилҳои дохилию беруниро баррасӣ ва коркард намудааст, ки ин ҳамчун ҷанбаи муҳими идоракунии корпоративиро дар ташкилотҳои қарзӣ дар бар мегирад (саҳ. 59-74);

– барои муваффақиятҳои идоракунии корпоративӣ таҷрибаи хориҷиро дар низоми бонкии кишвар таҳқиқ намуда муаллифи рисолаи илмӣ ҷанбаҳои имконпазири истифодаи таҷрибаи хориҷиро оид ба

такмили идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мушаххас ва қобили қабул муайян намуда дар ҳамин замина моделҳои ҷаҳонии идоракунии корпоративӣ: англо-амрикоӣ, ҷопонӣ, олмониро муаллифи рисола баррасӣ, коркард ва муайян намудааст, ки ин мадел дар Тоҷикистон метавонад мавриди истифодаи васеъ қарор гирад. Ҳамзамон қайд кардан зарур аст, ки аз тарафи муаллифи рисола роҳҳо муваффақона истифода бурдани моделҳои идоракунии корпоративии кишварҳои ҷаҳон мувофиқ ба Тоҷикистонро бо роҳҳои гуногун тавсия карда шудаанд. Ғайр аз ин ҷараёнҳои муҳими марбут ба раванди идоракунӣ аз тарафи муаллиф коркарду пешниҳод гардидаанд (саҳ. 104-128).

Иброз доштан зарур аст, ки дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ ҷиҳати нишон додани қисматҳои актуалӣ ва натиҷаҳои муҳими дар навгониҳо бадастовардашуда, мавқеи илмии муаллифи рисолаи илмӣ дар сатҳи таҳқиқот нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда пешниҳод шудаанд, ки ҳамаи ин натиҷаҳои амалии кори илмии доктори фалсафа (PhD) Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич мебошад ва он баҳои воқеии кори ӯро дар бар мегирад ва аз нуқтаҳои зерини таркибӣ иборатанд: (саҳ. 14 - 147).

– дар қисмати якуми нуқтаи ба ҳимоя пешниҳодгардида омӯзиши заминаҳои назариявӣ ва амалӣ мушаххасоти идоракунии корпоративӣ дар доираи сарчашмаҳои назариявӣ ва методӣ бо усулҳои мушаххас муайян гардида, як қатор ҷузъиёти онҳо дар сатҳи нақшавӣ ва пешниҳодӣ бо дастовардҳои муаллифи оварда шудаанд. Ҳамчунин дар ин замина равишҳои нави зарурияти идоракунии корпоративӣ аз тарафи муаллиф пешниҳод шудаанд (саҳ. 59-74);

– дар нуқтаи дуюм бошад муаллифи рисолаи илмӣ вобаста ба имконот ва коркардҳои илмӣ якчанд принсип ва хусусиятҳои идоракунии корпоративӣ дар сатҳи ниҳодҳои бонкӣ бо мақсади татбиқи идоракунии корпоративӣ муайян гардида ҳамчун замина ва асос шароиту имкониятҳои роҳандозии идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ вобаста ба принсипҳои идоракунии корпоративӣ дар низоми бонкии Тоҷикистон ҳамчун дастоварди илман асоснокгардида пешниҳод гардиданд;

– аз тарафи муаллиф дар шакли сифатан нав зарурият ва таърифи сифати идоракунӣ ва методологияи комили арзёбии сифати идоракунии корпоративии бонкҳои тиҷоратӣ, нишондиҳандаҳои арзёбии сифати

идоракунии корпоративии бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон ва шароиту омилҳои ниҳодии дохилию беруние, ки ба афзоиши фоиданокии бонкҳои тиҷоратӣ, устуворгардонии назорат дар онҳо, инчунин, барои мавқеъгирии онҳо дар бозори молиявии ватанӣ ва хориҷӣ мусоидат менамоянд, коркарду пешниҳод гардиданд, ки ҳамаи ин як муваффақият ва дастоварди назарраси муаллиф дар самти масъалаи мазкур мебошад;

– бояд иброз намуд, ки дар ҷамъбасти натиҷаҳо ва пешниҳодҳои илман асоснок идрокунии корпоративӣ дар дастовардҳои таҷрибаи хориҷии давлатҳои муваффақро барои Тоҷикистон дар заминаи моделҳои англо-амрикоӣ, ҷопонӣ, олмонӣ, ҷиҳатҳои алоҳидаи таҷрибаи Федератсияи Россияро пешниҳод намудааст, ки ҳамаи ин мувафақиятҳои муаллифи рисолаи илмӣ мебошад (саҳ.128-154).

Бояд гуфт, ки натиҷаҳои мушаххаси доктори фалсафа (PhD) Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич боиси он мегардад, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ эътимоднокии хулосаҳо бо натиҷаҳои амалӣ ва таҳлилҳои соҳавӣ асоснок гардида муаллиф як қатор нишондиҳандаҳоро мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор додааст, ки онҳо моҳияти амалӣ ва назариявии ҷанбаҳои назариявию амалии баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ (дар асоси маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон) мушаххас ошкор ва пешниҳод намудааст. Ҳамчуни таҳлили нишондиҳандаҳои соҳавӣ бо сарчашмаҳои дақиқи соҳа асоснок гардианд, ки ифодаи онро дар матни рисолаи илмии Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич мушоҳида намудан мумкин аст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Дар баррасӣ ва таҳқиқӣ илмӣ аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар амиқ намудани методологияи иқтисодӣ-молиявӣ ва таҳлили институтсионалии ҷанбаҳои назариявию амалии баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ (дар асоси маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва дигар масъалаҳои муҳими марбут ба ин масъала пешниҳод гардидаанд. Хулоса ва пешниҳодҳои бадастомада доираи таҳқиқоти мавҷударо дар самтҳои идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ, он метавонанд ба пояи низоми босамари идоракунии бонкӣ бо мақсади таъмини рушди самараноки низоми нави идоракунии пешрафта муайян карда шудаанд. Илова ба гуфтаҳои боло равишҳои амалӣ ва натиҷавии масъалаи мазкурро таҳлилҳои боби дуюм ва ва сеюми доктори фалсафа (PhD)

Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич баён намудааст (саҳ. 59-74, 104).

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз коркарди тавсияҳои мушаххас оид ба самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Ҳамзамон бо ҳамаи ин зарурияҳо иброз доштан зарур аст, ки дар иҷрои кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсадҳои гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудаанд, ки тамоми ҷанбаҳои назариявӣ, амалӣ ва методии таҳқиқотро дар бар мегиранд. Вобаста ба ин ҳангоми иҷрои таҳқиқоти илмӣ мушаххасан муаллиф ба асосҳои илмии таҳқиқи идоракунии корпоративӣ, омилҳои зарурии ин муҳит дар низоми бонкӣ ва нишондиҳандаҳои бадастовардаи он, моҳият ва хусусиятҳои низоми идоракунии корпоративӣ дар шароити муосир, принсипҳо ва амсилаҳои заминавии идоракунии корпоративӣ, вижагиҳои идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ, таҳлили татбиқи идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаҳои методии баҳодиҳии сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзёбии равандҳои рақамикунонии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмили механизми идоракунии корпоративии бонкҳо дар шароити бесуботии молиявии ҷаҳонӣ, омилҳои ниҳодии таъмини сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳандозии таҷрибаи байналмилалии такмили идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки моҳияти назариявӣ ва амалии диссертатсияро пурра инъикос менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ ҳамчун натиҷа ва коркардҳои каблии соҳиби рисола пешниҳод гардидаанд.

**Муаллифи рисолаи илмӣ дар боби якуми диссертатсия – “Асосҳои назариявии идоракунии корпоративӣ ва хусусиятҳои он дар низоми бонкдорӣ”** ва ҳамчунин асосҳои назариявии идоракунии корпоративиро таҳқиқ намуда дар ин самт ба таърихи идоракунии корпоративӣ, нуқтаи назари олимону коршиносонро дар шакли ҷадвал саҳ 53, таносуби идоракунии вазиваҳои менеҷмент ва идоракунии корпоративӣ саҳ 26, ҷараён ва низоми муносибатҳои байниҳамдигарӣ дар ширкатҳои ҷопонӣ саҳ 41, баррасии амсилаҳои асоии идоракунии корпоративӣ саҳ 43.

Идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ ва марҳалаҳои гузариш ба онро дар низоми имрӯзаи бонкӣ таҳлил ва баррасӣ намудааст, ки дар ин самт низ то як андоза муаллифи рисолаи илмӣ муваффақ гардидаст. Илова бар ин дар боби мазкур муаллиф вижагиҳои идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ муайян ва ошкор намудааст, ки ин мушаххасоти назариявии таҳқиқоти илмиро мукаммалан инъикос менамояд (саҳ. 46-58).

**Дар боби дуюми диссертатсия бошад, муаллиф "Таҳлилу арзёбии сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон"** ро баррасӣ намуда ҳамчун ҷузъҳои таркибӣ ба сатҳи татбиқи идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир намуда як қатор нишондиҳандаҳои муҳим ва ҳадафмандро, ки бевосита самараи идоракунии корпоративиро баланд мебардоранд таҳлилу баррасӣ намудааст саҳ 59-74, масъалаҳои методии баҳодиҳии сифати идоракунии корпоративиро низ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода дар ин самт низ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст, зеро дар ин масъала муаллиф бештар ба равандҳо зарурриятҳо ва сифати идоракунӣ ва роҳҳои татбиқи он дар низоми бонкии Тоҷикистон таваҷчуҳ зоҳир намудааст саҳ 74-88 ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ва методӣ низ ноил гардидааст. Як мувафақияти муаллифи рисолаи илмӣ дар ин самт аз он иборат аст, ки он дар таҳқиқоти илмии худ ба яке аз масъалаҳои муҳим ва таъсиррасон равандҳои рақамикунонии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити имрӯза таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, ки дар ин самт як қатор кард ва ошкор ёфтаан. Ҳамин аст, ки дар боби мазкур муваффақиятҳои унвонҷӯ баръало эҳсос мегарданд ва қобили дастгирӣ мебошанд.

**Ҳамчун натиҷа ва дастовард дар боби сеюми диссертатсия – муаллифи рисолаи илмӣ "Самтҳои асосии такмили идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон"** самтҳои асосии такмили механизми идоракунии корпоративии бонкҳо дар шароити бесуботии молиявии ҷаҳонӣ таҳия гардида, омилҳои ниҳодии таъмини сифати идоракунии корпоративии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд ва ҷиҳатҳои алоҳидаи таҷрибаи байналмилалӣ оид ба такмили идоракунии корпоративӣ, ки дар шароити бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва монади инҳоро таҳлилу баррасӣ намуда дар ин самт низ ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст (саҳ. 104-147).

Дар хулоса натиҷаҳои муваффақиятомези доктори фалсафа (PhD) Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич, ки он аз ду қисмати асосӣ иборат мебошад, ба таври комил дар анҷоми диссертатсия онро бо равишҳои назариявӣ ва амалӣ мушоҳида намудан мумкин аст (саҳ. 163-170).

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.**

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конфронсҳо ва семинарҳои ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ ва донишгоҳӣ (2017-2024) муҳокима шудаанд. Тавсияҳои методӣ ва амалии бар диссертатсия асосёфта дар ҷараёни таълим ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз фанҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Фаъолияти бонкӣ», «Менеҷменти молиявӣ», «Аудит ва ревизия» ва «Муаммоҳои муосири молиявӣ», «Назорати молиявии корпоративӣ» истифода шуда истодаанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳоли тақризшавандаи илмӣ.**

Ҳамзамон қайд кардан зарур аст, ки баҳои воқеӣ ва қаблии таҳқиқоти диссертатсияи доктори фалсафа (PhD) интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ташкил медиҳад, ки натиҷаҳои асосии он дар 20 кори илмии муаллиф бо ҳаҷми умумии 7,5 ҷ.ч., аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои мансуб ба номгӯйи маҷаллаву нашрияҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд (саҳ. 14).

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба талабот ҷаввобгӯ буда, он аз муқаддима, се боб, хулоса, пешниҳодҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, дар 180 саҳифаи матни компютерӣ пешниҳод шудааст, ки дорои 21 ҷадвал, 10 расм ва 7 замима мебошад. Феҳристи адабиёти истифодашуда 133 номгӯйро дар бар мегирад (саҳ - 4-14).

Доктори фалсафа (PhD) Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии худро дар бобҳо ва параграфҳои алоҳида мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор додааст, ки тафсири конкретии онро дар шакли зайл мушоҳида кардан осон мебошад.

**Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Бояд иброз дошт, ки дар анҷоми натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ новобаста аз муваффақияту комёбиҳои таҳқиқоти диссертатсионии доктори фалсафа (PhD) Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич, ки дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд, мутаносибан як қатор камбудию

норасоиҳоро вохурдан мумкин аст, ки чунин эродҳо хосияти тавсиявӣ дошта арзиши баланди таҳкиқотро паст наменамоянд ва ин камбудиҳо аз бандҳои зерин иборат мебошанд:

1. Муаллифи рисолаи илмӣ агар дар фарзияти таҳқиқоти илмӣ ба таври алоҳида бо бонкҳои мушаххас мавқеи худро муайян менамуд сифати таҳқиқот бозҳам беҳтар мегардид. Яъне, пешниҳодҳои муаллиф хосияти дурнаморо касб менамуданд.

2. Дар параграфҳои 1,2,3-юми боби якум рисолаи илмии доктори фалсафа (PhD) вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқот беҳтар мегардид, агар хулосаҳои дахлдор ба таври мушаххас вобаста ба натиҷаҳои бадастовардашуда банд ва банд пешниҳод менамуд беҳтар буд;

3. Дар шароити имрӯза тибқи талаботҳо сифати таҳқиқот беҳтар мегардид, агар муаллиф дар масъалаи бартариятҳои низоми анъанавии идоракунӣ ва низоми идоракунии корпоративӣ ба таври алоҳида пешниҳодҳои худро мушаххасан манзур менамуд;

4. Диссертатсия бурд мекард, агар вобаста ба тағйирёбандагии вазъи иқтисодиёти мамлакат дар 3-4 соли охир боназардошти тағйиротҳои технологӣ ҳамоҳангии ин тағйиротҳоро муаллиф бо идоракунии корпоративӣ муайян менамуд.

5. Баъзе номуайяниҳоро дар самти идоракунии корпоративӣ дар ташкилотҳои қарзӣ, ки онҳо метавонанд ҳамчун натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошанд, фарқ намудан душвор аст.

Илова намудан мумкин аст, ки камбудиҳои номбаргардида ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва дараҷаи илмии онро коста намекунад.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия.**

Бо ибрози чунин нуқтаи назар гуфт мумкин аст, ки диссертатсияи Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявию амалии баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ (дар асоси маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои мавҷудбуда мутобиқ мебошад.

Иловатан гуфтан зарур аст, ки диссертатсияи таҳқиқгардидаи Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 –

Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) омода гашта, муаллифи он Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич сазовори дараҷаи илмии доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) аз рӯи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи фаъолияти бонкии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҳикматов У.С.

Имзои д.и.и., профессор Ҳикматов У.С.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
Телефон: (+992) 37 221-77-11. E-mail: https: //tnu.tj